Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзуи **«Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924–2021)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1 – Таърихи ватан

Дар марҳилаи кунунии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи инфрасохтори роҳу нақлиёт ба яке аз омилҳои асосии таҳкими иқтисоди миллӣ, таъмини ягонагии ҳудудӣ ва густариши робитаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мубаддал гардидааст. Барои кишваре чун Тоҷикистон, ки қисми зиёди қаламрави онро минтақаҳои кӯҳсор ташкил медиҳанд, мавҷудияти шабакаҳои устувори нақлиётӣ на танҳо аҳаммияти иқтисодӣ, балки аҳаммияти муҳими сиёсӣ, иҷтимоӣ ва стратегӣ низ дорад. Аз ҳамин лиҳоз, омӯзиши таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон дорои арзиши назаррас ва аҳаммияти махсуси илмӣ мебошад.

Ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои муҳим ва нисбатан камомӯхташудаи таърихнигории миллӣ рӯ овардани муаллифро метавон иқдоми муҳимми илмӣ арзёбӣ намуд. Дар кори илмии мавриди назар масъалаҳои вобаста ба ташаккул, рушд ва такомули соҳаи роҳу нақлиёти Тоҷикистон дар давоми қариб як аср ба таври муттасил мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Айнулозода Н.А. кӯшиш намудааст равандҳои инкишофи инфрасохтори нақлиётиро дар иртибот бо дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таҳқиқ кунад.

Арзиши муҳими таҳқиқот пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи мазкур дар доираи як таҳқиқоти фарогир ва мукаммал мавриди омӯзиши махсус қарор гирифтааст. Маврид ба зикр аст, ки дар бисёр таҳқиқоти қаблӣ масъалаҳои сохтмону навсозии роҳҳо, нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан ва авиатсия бештар ба таври ҷудогона ё дар шакли маълумоти умумӣ инъикос гардида буданд. Дар рисолаи мазкур бошад, рушди ҳамаи бахшҳои асосии нақлиёт дар робитаи мантиқӣ ва таърихӣ таҳлил шудааст.

Дар сохтори диссертатсия масъалаҳои асосии марбут ба таърихи рушди роҳу нақлиёт дар шаш боб ва зербобҳои онҳо ба таври мураттаб ҷой дода шудаанд.

Боби аввали таҳқиқот ба «**Омӯзиши масъала, таҳлили таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ ва асосҳои методологии таҳқиқот**» бахшида шудааст. Дар ин қисмат муаллиф қайд менамояд, ки то имрӯз дар таърихнигории тоҷик масъалаи рушди инфрасохтори роҳу нақлиёт ба таври мукаммал таҳқиқ нашудааст. Ҳангоми таҳияи рисола доираи васеи адабиёти илмӣ,

мақолаҳои таҳқиқотӣ, маводи матбуоти даврӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва санадҳои расмӣ истифода гардидаанд.

Маводи бойгонӣ дар таҳқиқот ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Аз ҷумла, истифодаи ҳуҷҷатҳои Бойгонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи сохторҳои соҳавӣ, қарорҳои давлатӣ ва маълумотномаҳои оморӣ имконият додааст, ки бисёр масъалаҳои баҳсталаб ва камомӯхташуда дар заминаи далелҳои муътамад таҳлил карда шаванд. Қисме аз ин ҳуҷҷатҳо бори аввал ба гардиши илмӣ ворид гардидаанд, ки ин ҳолат арзиши илмии таҳқиқотро бештар мегардонад.

Дар зербоби марбут ба заминаҳои таърихии ташаккули роҳсозӣ муаллиф вазъи роҳу иртиботро то давраи ташаккули Тоҷикистон ҳамчун воҳиди давлатӣ таҳлил намудааст. Аз муҳтавои таҳқиқот бармеояд, ки то оғози асри XX дар бисёр минтақаҳои ҷумҳурӣ роҳҳои муосир вуҷуд надошта, иртибот асосан тавассути роҳҳои корвонгузар ва пайроҳаҳои кӯҳӣ амалӣ мегардид. Ин вазъият ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо таъсири ҷиддӣ мерасонд.

Боби дуюми диссертатсия «**Масъалаҳои ташаккули инфрасохтори роҳсозӣ ва нақлиёти автомобилӣ дар солҳои 20–40-уми асри XX**» -ро дар бар мегирад. Дар ин бахш муаллиф нишон медиҳад, ки ташкили шабакаҳои аввалини роҳҳои мошингард бо раванди ташаккули давлатдории шӯравӣ дар Тоҷикистон робитаи мустақим дошт. Маҳз дар ҳамин давра бунёди роҳҳои аввалини дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ оғоз гардида, заминаи ташаккули инфрасохтори минбаъдаи нақлиётӣ гузошта шуд.

Дар таҳқиқот дуруст қайд мегардад, ки солҳои аввали ҳокимияти шӯравӣ ҷумҳурӣ бо мушкилоти зиёди техникӣ ва иқтисодӣ рӯ ба рӯ буд. Норасоии техникаи муҳандисӣ, камбуди мутахассисон ва набудани маблағгузории кофӣ ба рушди соҳа таъсири манфӣ мерасонданд. Бо вуҷуди ин, дар ҳамон шароити душвор корҳои сохтмони роҳҳои асосӣ оғоз гардида, робитаи минтақаҳои ҷудогона тадриҷан беҳтар гардид.

Таҳлили вазъи сохтмони роҳҳо дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва давраи баъдиҷангӣ яке аз қисматҳои муҳими рисола ба шумор меравад. Муаллиф бо такя ба маъхазҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар солҳои ҷанг, сарфи назар аз мушкилоти иқтисодӣ ва норасоии қувваи корӣ, фаъолияти соҳаи роҳсозӣ қатъ нагардид. Низоми нақлиётии ҷумҳурӣ барои таъмини эҳтиёҷоти иқтисоди ҷангӣ ва хизматрасонии корхонаҳои ба ақибгоҳ кӯчонидашуда нақши муҳим бозид.

Баъди анҷоми ҷанг бошад, марҳилаи нави барқарорсозӣ ва навсозии шабакаҳои роҳ оғоз гардид. Дар ин давра ба сохтмони роҳҳои дорои рӯйпӯши мустаҳкам, бунёди пулҳо ва таҷдиди роҳҳои асосӣ диққати махсус дода шуд.

Муаллиф тавонистааст ин равандҳоро дар заминаи далелҳои мушаххас таҳлил намояд.

Боби сеюми рисола ба «**Масъалаҳои аҳаммияти бунёди шабакаҳои роҳи оҳан ва авиатсияи граждани дар тараққиёти хоҷагии халқи ҶШС Тоҷикистон**» бахшида шудааст. Дар зербоби марбут ба роҳи оҳан муаллиф аҳамияти сохтмони роҳи оҳани Тирмиз – Душанберо ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва шаҳрсозии ҷумҳурӣ асоснок менамояд. Воқеан ҳам, бунёди ин роҳи оҳан барои интиқоли техника, таҷҳизоти саноатӣ ва масолеҳи сохтмонӣ аҳамияти калидӣ дошт.

Дар қисмати вобаста ба таърихи авиатсияи граждани нишон дода мешавад, ки дар шароити кӯҳистонии Тоҷикистон нақлиёти ҳавоӣ аз ибтидо аҳамияти махсус касб намудааст. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки авиатсия барои бисёр минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ воситаи асосии иртибот ва хизматрасонӣ ба ҳисоб мерафт. Парвози якумин ҳавопаймои «Юнкерс F-13» дар солҳои аввалини ташаккули ҷумҳурӣ ҳамчун оғози марҳилаи нави рушди нақлиёти ҳавоӣ арзёбӣ гардидааст.

Дар боби чоруми диссертатсия «**Масъалаҳои механиконии хоҷагии роҳ ва рушди роҳҳои мошингард дар солҳои 50–80-уми асри XX**» таҳлил шудаанд. Аз мазмуни таҳқиқот бармеояд, ки маҳз дар ҳамин давра соҳаи роҳсозӣ ба марҳилаи нави техникӣ ворид гардид. Гузариш аз меҳнати дастӣ ба истифодаи техникаи муосири муҳандисӣ суръати сохтмони роҳҳоро афзоиш дода, сифати онҳоро беҳтар намуд.

Ҳамзамон, муаллиф рушди роҳҳои мошингард ва аҳаммияти онҳоро дар ташкили робитаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ менамояд. Бунёди роҳҳои нав ба густариши муносибатҳои байниминтақавӣ, рушди савдо ва фаъол гардидани ҳаёти иқтисодии ноҳияҳо мусоидат намудааст. Дар таҳқиқот инчунин механиконии соҳаи нақлиёт ва нақши он дар тараққиёти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки ташаккули парки муосири автомобилӣ ва зиёд гардидани ҳаҷми боркашонӣ барои рушди саноат ва кишоварзӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Боби панҷуми рисола «**Идомаи барқарорсозии инфрасохтори нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳани ҶШС Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XX**» -ро дар бар мегирад. Дар ин бахш нишон дода мешавад, ки авиатсияи граждани тадриҷан ба яке аз воситаҳои муҳими хизматрасонии иҷтимоӣ мубаддал гардид. Хусусан, фаъолияти авиатсияи санитарӣ барои расонидани кӯмаки тиббӣ ба ноҳияҳои дурдаст аҳаммияти бузург дошт.

Дар баробари ин, фаъолияти ташкилӣ ва иқтисодии роҳи оҳан низ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки роҳи оҳан

дар таъмини соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз ҷумла саноат ва савдо, нақши калидӣ бозидааст.

Боби шашуми диссертатсия ба масъалаи «**Раванди таҳаввул ва рушди соҳаи нақлиёти Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ**» бахшида шуда, яке аз қисматҳои муҳимтарин ва арзишманди таҳқиқот ба ҳисоб меравад. Муаллиф бо маҳорати таҳлилӣ равандҳои навсозии инфрасохтори нақлиётиро дар шароити истиқлоли давлатӣ баррасӣ намудааст.

Таваҷҷуҳи махсус ба сохтмон ва таҷдиди роҳҳои мошингард, инчунин аҳаммияти нақбсозӣ равона гардидааст. Дар рисола нишон дода мешавад, ки бунёди нақбҳои «Истиқлол», «Шаҳристон», «Шаршар» ва «Хатлон» барои раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини ҳаракати мунтазам байни минтақаҳо нақши ҳалкунанда бозид.

Муаллиф масъалаи рушди роҳи оҳанро дар шароити иқтисоди бозорӣ низ таҳлил кардааст. Сохтмони роҳи оҳани «Ваҳдат – Ёвон» ҳамчун яке аз лоиҳаҳои муҳими давраи истиқлол арзёбӣ гардида, аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии он асоснок карда шудааст.

Дар қисмати марбут ба рушди авиатсияи гражданӣ муаллиф марҳилаҳои гуногуни рушди соҳа, мушкилоти мавҷуда ва равандҳои мутобиқшавии он ба талаботи замони муосирро таҳлил намудааст. Ҳамзамон, масъалаҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ ва пайвастшавии Тоҷикистон ба долонҳои минтақавии нақлиётӣ низ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар муносибати комплексӣ нисбат ба масъала ифода меёбад. Бори аввал рушди нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан ва авиатсия дар доираи як таҳқиқоти воҳид ва дар иртибот бо равандҳои сиёсиву иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Арзиши назариявии рисола дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқот таърихнигории иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистонро бо хулосаҳо ва таҳлилҳои нав ғанӣ месозад. Муаллиф рушди инфрасохтори нақлиётиро ҳамчун қисми муҳими ташаккули давлатдорӣ ва иқтисоди миллӣ баррасӣ намудааст.

Ҷанбаҳои амалии таҳқиқот низ қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Натиҷаҳои рисола метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатӣ дар соҳаи нақлиёт, логистика ва инфрасохтор истифода шаванд. Ҳамчунин, маводи илмии таҳқиқот барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва курсҳои махсус барои донишҷӯёни ихтисосҳои таърих, иқтисод ва муҳандисӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Айнулозода Наҳтулло Айнуло таҳқиқоти мустақил, анҷомёфта ва аз ҷиҳати илмӣ арзишманд мебошад. Муаллиф тавонистааст таҷрибаи таърихии рушди соҳаи роҳу нақлиёти

Тоҷикистонро дар заминаи васеи сарчашмаҳо ва бо истифода аз усулҳои муосири таҳлилӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор диҳад.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро пурра инъикос намуда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, муаллифи он Айнулозода Наҳтулло Айнуло сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1 – Таърихи ватан дониста мешавад.

Тақриздиханда: мудири кафедраи таърихи
умумӣ ва ватании Донишгоҳи (Славянии)
Россия-Тоҷикистон
д.и.т., доцент Пирумшоев М.Х.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони М. Турсунзода 30,
Тел.: (+992) 37-227-7853; munir.85@mail.ru

Тасдиқ мекунам,
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия-Тоҷикистон Исмоилова М.Н.

«11» 06 2026 с.